## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа ( PhD) – доктор дар мавзӯи «Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор» аз рӯйи ихтисоси 6Д080101- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.**

Дар шароити иқлими Тоҷикистон ва ҷойгиршавии географии он, ки аксарияти масоҳати онро кӯҳсорон ташкил медиҳанд, оқилона ва самаранок истифода бурдани заминҳо яке аз манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ маҳсуб ёфта, парваришу истеҳсоли зироатҳои лӯбиёгиҳо ва равғандеҳ аз қабили мушунг, зағир ва маъсар аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, дар таъмини амнияти озуқаворийи мамлакат мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Корҳои илмӣ- таҳқиқотии унвонҷӯ дар самти технологияи самаранокии захираи намӣ дар заминҳои лалмии Тоҷикистони Марказӣ равона гардида, барои рӯёнидани ҳосили баланди дон ва хӯроки сабз аз навъҳои ватании минтақабобшудаи мушунги «Серҳосил», маъсари «Шифо» ва зағири «Ҳисор-10» истифода бурда шудаанд.

Муаллиф дар асосӣ таҳқиқотҳои илмӣ исбот намудааст, ки дар шароити заминҳои лалмии минтақаи Ҳисор технологияи захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок барои зироатҳои мушунг, маъсар ва зағир яке аз технологияи асосӣ маҳсуб ёфта барои гирифтани ҳосили 18,1 с/га дони мушунг, 22,7 с/га дони маъсар ва 12,1 с/га дони зағир мусоидат менамояд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки усули пешниҳодгардида дар хоҷагии таҷрибавии «Зироаткор»-и шаҳри Ҳисор дар масоҳати 13 гектар амали карда шудааст. Муаллиф самаранокии иқтисодии парвариши мушунг, маъсар ва зағирро вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор таҳлил намуда, қайд менамояд, ки дар байни вариантҳои омӯзиши даромади софи бештар аз зироати мушунг-12140 сомонӣ бо даромаднокии-203% ва арзиши аслии пасттарин-329 сомонӣ,

зироати маъсар мутаносибан-16079 сомонӣ; 243%; 292 сомонӣ ва загир 7500 сомонӣ; 163%; 380 сомонӣ, дар вакти гузаронидани коркарди хок дар чукурии 30 см ба даст оварда шудааст.

Таҳқиқотҳои Солиҳов М. М. кори ба анҷом расида ҳисобида шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда муалифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6Д080101- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Муовини директор оид ба илм,
таълим ва тайёр кардани кадрҳои
илмии Филиали институти зироаткории
АИКТ дар вилояти Суғд, номзади илмҳои
кишоварзӣ бо ихтисоси 06.01.05– селексия
ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ

Ҷ. А. Валиев

Имзои Ҷ. А. Валиев-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шӯъбаи кадрҳо М.Зокирова

Суроға:735691, Ҷумҳурии Тоҷикистон,вилояти Суғд,н.Б.Ғафуров,ҷамоати Исфисор кӯчаи ба номи Алиев А. 1, E-mail:ziroatkor.sugd@mail.ru